Ба Шӯрои диссертатсионии
6D КОА-100 назди Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон

“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.п., дотсент Саттарзода Б.А.

«29» _____ 2026с.

ТАҚРИЗИ МУАССИСИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи “Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст.

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18- Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат мекунад: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.5. Батанзимдарорӣ ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ; 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии бухгалтерӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ; 1.12. Трансформатсияи ҳисоботи молиявии миллӣ бо талаботи стадартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои дигар давлатҳо;.

Мубрамии мавзи таҳқиқ

Ташкили дуруст ва илман асосноккардашудаи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бешубҳа метавонад дар идоракунии дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи корхона ва дар умум ба идоракунии самараноки корхона мусоидат намояд.

Вобаста ба дигаргуниҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дигаргуниҳо дар Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ зарурати такмили доимии нақшаи ҳисобҳоро ба миён меоварад. Дар баробари ин, рақобат дар бозор роҳбарияти корхонаҳоро ва муассисони онро водор месозад, ки на танҳо аз ҷиҳати технологӣ, балки аз ҷиҳати илмӣ - методӣ низ фаъолияти корхонаро ба рақобатпазирӣ омода намоянд.

Нақшаи ҳисобҳо асосан барои қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотии роҳбарият ва саҳомон истифода гардида мегардад ва нақшаи ҳисобҳои амалкунанда то андозае ин ниёзи роҳбарият ва саҳомонро қонеъ мегардонад, вале бо гузашти бештар аз 15 сол аз қабули нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидор, ин ҳуҷҷати муҳими ҳисобдорӣ то андозае ба такмил ниёз дорад. Такмил ва ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани он боис мегардад, ки иттилооти муҳосибӣ саривақт, дуруст, саҳеҳ ва боварибинок ба роҳбарият ва саҳомон расонида шавад, то онҳо тавонанд қарорҳои идоракуниро дуруст ва санҷидашуда қабул намоянд.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Муаллифи диссертатсия хулоса ва тавсияҳои худро бо роҳи таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ асоснок карда, ба такмили нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ равона намудааст, ки самаранокии идоракунии субъектҳои хоҷагидориро таъмин менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаву стратегияҳои давлатӣ, иттилооти нашрияҳои давлатии соҳавӣ, иттилооти баҳисобгирии муҳосибии корхонаву муассисаҳо, интишороти даврии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, омор, андозбандӣ асоснок карда шудаанд. Дар маҷмуъ, хулосаю натиҷаҳои бадастомада, бо истифодаи усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ: таҳлилӣ, синтез, муқоисакунӣ, индуксия ва дедуксия, таҳлили оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ тасдиқ гардидаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо аз ҷониби чаҳорчӯбаи методологии тадқиқот, ки усулҳои умумии илмӣ ва махсусро дар бар мегирад: муқоиса, тасниф, табақабандӣ, таҳлилӣ нисбӣ ва муқоисавӣ ва усулҳои иқтисодӣ ва оморӣ таъмин карда мешавад.

Хулосаҳо дар асоси иттилооти зерин тартиб дода шудаанд:

• таҳлили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгири муҳосибии фаъолияти молиявию хаҷагидории субъектҳои хоҷагидор ва татбиқи амалии он дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва СБҲМ;

• таҳия ва санҷиши нақшаи намунавии ҳисобҳо

• интишорот ва баромадҳо дар конфронсҳои илмӣ ва амалӣ, аз ҷумла нашрияҳои аз ҷониби маҷаллаҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда.

Коркарди интишороти соҳавӣ, истифодаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва асарҳои илмӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ва санҷиши амалии пешниҳодҳо эътиборнокӣ ва намояндагии хулосаҳоро таъмин мекунанд.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда натиҷаҳои муҳимми илмии бадастомада, ки навгонии илмии кори диссертатсиониро ташкил медиҳад, инҳоянд:

1. Муаллиф дар рисолаи худ аҳамияти амалӣ ва зарурияти низоми ҳисоботи муҳосибиро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии молиявӣ ва таҳаввали баҳисобгирии молиявӣ исбот намуда, пешниҳод намудааст, ки барои идоракунии босамари молиявӣ бояд ба аҳамияти амалӣ ва зарурияти низоми ҳисоботи муҳосибӣ диққати махсус дода шавад. Дар воқеъ агар низоми ҳисоботи муҳосибӣ дар корхонаву ташкилотҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашавад, идоракунии дурусти молиявиро интизор шудан ғайриимкон аст, аз ин рӯ метавон бе шакку шубҳа ба гуфтаҳои муаллиф такя намуд.

2. Муаллиф таснифоти ҳисоботи ҷорӣ-амалкунанда ва муқаррар намудани мушкилоти минбаъдаи рушди онро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, механизми таъминоти иттилоотии раванди идоракуниро нишон додааст. Бе шубҳа таснифоти ҳисоботи ҷорӣ-амалкунанда, ки дар диссертатсия оварда шудааст, муҳим буда, нишон додани мушкилоти минбаъдаи рушди он ва бартараф намудани ин мушкилотҳо аз манфиат холӣ нест. Дар баробари ин асосноксозии илмӣ-амалии механизми таъминоти иттиллоотии раванди идоракунии корхона, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ роҳбарият ва сармоягузорон ба он ниёзи бештар доранд, ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад.

3. Муаллиф тавонистааст дар асоси консепсияи нақшаи ҳисобҳо низоми универсалии ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро барои корхонаҳои тиҷоратӣ пешниҳод намояд ва дар тадқиқоти худ ҷанбаҳои амалии нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро нишон диҳад. Таҳияи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, ки дар асоси консепсияи нақшаи ҳисобҳо иҷро гардидааст, ба муаллиф имкон медиҳад, ки зарурияти тадқиқоти худро дар шароити имрӯза нишон диҳад исбот намояд ва дар баробари ин барои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаву ташкилотҳо саҳми худро гузорад. Зеро рушди низоми баҳисобгирии муҳосибиро бе рушди низоми нақшаи ҳисобҳо тасаввур кардан ғайриимкон буда, низоми таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи муҳосибӣ-молиявиро низ мушкил мегардонад.

4. Коркарди муаллифии модели нави нақшаи ҳисобҳо дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки такомули сиёсати баҳисобгирӣ, ки муаллиф пешниҳод намудааст, аҳамияти калони илмиву амалӣ дошта, пешниҳоди нақшаи кории ҳисобҳо дар асоси тағирот ва дигаргуниҳо дар СБҲМ мувофиқи мақсад аст. Зеро нақшаи ҳисобҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 қабул гардида, зарурати такмил ва тағирот ба он кайҳо фаро расидааст. Ҳар як тағирот дар СБҲМ зарурати такмил ё тағири нақшаи ҳисобҳоро ба вуҷуд меоварад, вале бо гузашти зиёда аз 15 сол аз рӯзи қабул дар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ягон тағирот ворид карда нашудааст ва дар заминаи тағироти пайваста дар СБҲМ баъзе ҳисобҳои амалкунанда моҳияи иқтисодии худро аз даст дода, зарурати ворид намудани ҳисобҳои нав фаро расидааст. Аз ин рӯ метавон пешниҳоди муаллифро ҳамчун пешниҳоди актуалӣ қабул намуд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.

Аҳамияти илмии диссертатсияи «Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ» дар он ифода меёбад, ки муаллиф асосҳои назариявӣ, таърихии ташаккул ва марҳилаҳои рушди нақшаи ҳисобҳо, инчунин роҳҳои такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳоро дар муносибат ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешниҳод намудааст. Дар кори илмӣ моҳият, вазифаҳо, нақш ва ҷойгоҳи нақшаи ҳисобҳо дар баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок гардида, равобити он бо равандҳои банақшагирӣ, назорат, баҳодиҳӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ возеҳ нишон дода шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада ба рушди минбаъдаи нақшаи ҳисобҳо ва ғанӣ гардонидани заминаи илмӣ оид ба нақшаи ҳисобҳо саҳми арзишманд мегузоранд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда дорои имконияти татбиқи мустақим дар фаъолияти амалии корхонаҳо мебошанд. Методҳо ва нишондиҳандаҳои такмилёфтаи нақшаи ҳисобҳо, моделҳои пешниҳодшудаи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ ва такмили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ метавонад барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ – пешниҳоди ҳисоботи дақиқ ва эътимодноки ҳисоботи молиявӣ саҳми назаррас гузорад. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили молиявӣ ва аудит қобили истифода мебошанд. **Аҳамияти иқтисодии** натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи пешниҳодҳои муаллиф ба беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои ҳисоботдиҳии корхонаҳо ва тақвияти низоми ҳисобдорӣ мусоидат менамояд. **Аҳамияти иҷтимоии** натиҷаҳои диссертатсия дар баланд бардоштани сатҳи сифати ҳисобот ва қонеъ гардонидани ниёзи иттилоотии роҳбарон ва муассисон ва ба ин васила мусоидат ба қабули қарорҳои дурусти роҳбарӣ зоҳир мегардад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқва асоснокии он. Бо ҷамъоварӣ ва коркарди ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, таъмини дақиқии маълумоти зарурӣ, дар асоси нишондиҳандаҳои амалӣ коркард шудани натиҷаҳои кори илмӣ ва интишорот тасдиқ мегардад. Асоснокии хулоса ва тавсияҳоро таҳлили илмии таҳқиқотҳои назариявӣ- амалӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо ташкил медиҳад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Дар умум диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Дар диссертатсия методология ва амалияи такмили низоми нақшаи ҳисобҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мантиқӣ таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ, методология ва амалияи низоми нақшаи ҳисобҳоро омӯхта, дар ин асос оид ба мукаммал гардондани он хулоса, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас таҳия намудааст. Истифодабарии пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи диссертатсия мебошад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ истифода бурда шудаанд.

Татбиқи амалии натиҷаҳо ва манфиатҳои иқтисодии он.

Татбиқи амалии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки: баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, таҳлилҳои молиявӣ натиҷаҳои самаранок диҳанд ва низоми назорати дохилӣ пурзур карда шавад.

Аҳамияти иқтисодии мавзуъ бошад ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоя - бо таҳлили дуруст сармоягузории худро беҳтар намуда, фоидаи бештар ба даст орад, кам кардани хароҷот бо роҳи муайян кардани хароҷотҳои нолозим ва оптимизатсияи онҳо, ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳои андоз бо роҳи баҳисобгирӣ ва таҳлили дурусти амалиётҳо мебошад.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқ.

Муаллиф тавонистааст марҳилаҳои иҷрои нақшаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла: интихоби мавзуъ, асосноккунии мубрамият, муайян намудани мақсади таҳқиқот ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо пурра ва бо самар гузаронад. Таҳқиқоти муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии низоми нақшаи ҳисобҳоро фаро гирифта, пурра ва тибқи тартиботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Дар рафти таҳқиқот муаллиф бо истифода аз таҳлили вазъи муосири таъминоти иттилоотӣ ва рушди низоми нақшаи ҳисобҳо такмили низоми ҳисобҳо дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, моделсозии нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ дар шароити татбиқи

стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро нишон дода, барои дар амал татбиқ намудани натиҷаи таҳқиқоти худ тавсияҳои назариявӣ ва амалиро пешниҳод намудааст, ки дорои аҳамияти баланди илмиву амалӣ мебошад.

Нашри натиҷаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ва мутобиқати он.

Вобаста ба мавзуи интихобгардидаи таҳқиқотӣ 27 мақолаи илмӣ, ки 12,2 ҷузъи чопиро (аз ҷумла 7,49 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) ташкил медиҳанд, нашр гардидааст. Аз ин маҷмуъ 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва мукаммалии он, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Дар маҷмуъ, матни диссертатсия 217 саҳифаро ташкил намуда, он 19 расм ва 30 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муйян карда шудаанд, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд, инчунин маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст (саҳ. 4-13).

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми нақшаи ҳисобҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ» (саҳ. 14-67) довталаби дараҷаи илмӣ нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва мавқеи он дар сохтори идоракунии молиявӣ, асосҳои назариявӣ ва марҳилаҳои рушди нақшаи ҳисобҳо ва хусусиятҳо ва мушкилоти таснифоти нақшаи ҳисобҳои амалкунандаро бо истифода аз асосҳои назариявию амалӣ нишон додааст.

Дар параграфи якум (саҳ. 14-333) , ки нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва мавқеи он дар сохтори идоракунии молиявӣ номгузорӣ гардидааст, муаллиф чунин пешниҳод намудааст: -барои он, ки нақшаи ҳисоб ҳамчун сохтори ягона ва муттасил истифода шавад, бояд принсипҳои зерин риоя шаванд:

- раванд ва ҷадвали таъйиншуда барои пешниҳоди тағйирот; баррасии онҳо аз ҷониби тарафҳои манфиатдори асосӣ; ва тағйиротро имзо ва нашр кунанд, то ки ҳамаи истифодабарандагон ҳавасманд карда шаванд. Ҳар гуна раванди навсозии даврӣ бояд на бештар аз як сол бо тасдиқи сиёсати баҳисобгирӣ анҷом дода шавад;

- муайян кардани таъсири ҳама гуна тағйиротҳо ба нақшаи ҳисобҳо, аз ҷумла мутобиқати онҳо ба принсипҳои асосӣ ва сохтори мувофиқашудаи нақшаи ҳисобҳо;

- тақсимоти возеҳи институтсионалии ваколатҳо оид ба иҷозати тағйирот ба нақшаи ҳисобҳо;

- ҳама тағйирот ба нақшаи ҳисобҳо бояд бо асос мувофиқат кунанд, яъне аз тарзи муайян кардани бахшҳо ё муносибатҳои волидайн ва фарзанд ҳеҷ гуна каҷравӣ ба амал наояд.

Дар параграфи дуюм мафҳум, марҳилаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, муаллиф баҳисобгирии бухгалтериро ба гуруҳи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ шомил намудааст, ки таҳлили фаъолияти молиявии хоҷагиҳоро дар бар мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст соли 1998 нахустин ҳуҷҷатҳои расмӣ дар самти баҳисобгирии муҳосиби пешниҳод ва аз тарафи Институтҳои миллии қонунгузорӣ қабул карда шудааст. Дар ин миён чунин ҳуҷҷатҳо «нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаю ташкилотҳо» коркард, тарҳрезӣ, тасдиқ гардида, дар чаҳорчӯбаи оинномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ «оид ба истифодаи онҳо» пешниҳод карда шуд. Мувофиқи таҳлили маъхазҳои ҳуқуқӣ моҳи майи соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ», 25 марти соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» қабул карда шуд. Қонунгузории мазкур ҳамаи уҳдадориҳо ва вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибиро муттаҳид кард ва фаъолияти касбии муҳосибро пурра кафолат медод. Ба ақидаи муаллиф дар шароити имрӯза низомҳое, ки зери таъсири амсилаҳои муосири ҳисобдорӣ, консепсияҳо, моделҳо ба вуҷуд омадаанд, инҳо мебошанд:

Низоми якҷояшавии сохтори ҳисоб (расми 1.1., саҳ. 37) усуслҳо ва методҳои якҷояшавии сохтори ҳисобҳоро нишон дода, дар ҷадвали 1.3. (саҳ. 41) чаҳорчӯбаи меъёрҳои муқарраргардидаи тағйироти мантиқии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар он муаллиф тағиротҳои мантиқии баҳисобгирии муҳосибиро оварда, зарурати нақшаи ҳисобҳо ва гуруҳбандии онро нишон додааст.

Даврабандии ташаккули иқтисодӣ-назариявӣ ва рушди нақшаи ҳисобҳо (расми 1.2, саҳ. 46-47) марҳилаҳои рушди нақшаи ҳисобҳоро дар бар гирифта, гуруҳбандии нақшаи ҳисобҳоро ба таври пурра тавсиф намудааст.

Параграфи сеюми диссертатсия «Таҳияи низоми ҷадиди ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ» номгузорӣ гардида, дар он муаллиф пешниҳод намудааст, ки нақшаи ҳисобҳои амалкунанда такмил дода шавад ва ё нақшаи ҳисобҳои комилан нав тарҳрези ва қабул гардад. Бояд қайд намуд, ки муаллиф тарафдори ворид намудани миқдори зиёди ҳисобҳо дар нақшаи ҳисоб нест, зеро ба ақидаи ӯ ворид кардани миқдори зиёди ҳисобҳо дар нақшаи ҳисоб суръати коркарди иттилоотро ҳангоми таҳияи автоматиконидашудаи ҳисобот суст карда, омили бавуҷуд омадани хатоиҳо ва афзоиши хавфи иштибоҳ мегардад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Таҳлили вазъи муосири таъминоти иттилоотӣ ва рушди низоми нақшаи ҳисобҳо» (саҳ. 70- 111) ном дорад,

масъалаҳои калидии нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳодиҳии таъминоти иттилоотии нақшаи ҳисобҳо, таҳлили нақшаи амалкунанлаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, таҳияи низоми ҷадиди нақшаи ҳисобҳо нигаронида шудааст. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, назариявӣ ва амалӣ зарурати таҳия ва такмили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро нишон додааст.

Дар параграфи якум «Баҳодиҳии таъминоти иттилоотии ҷараёни идоракунии корхона дар асоси консепсияи нақшаи ҳисобҳо» ифодакунандаи мақсади муаллиф доир ба таъминоти иттилооти идоракунӣ дар асоси консепсияи нақшаи ҳисобҳо мебошад. Муаллиф дар ин параграф бо такя ба гуфтаҳои Кузнетсова консепсияи гурӯҳбандии самтҳои асосии рушд ва фаъолияти нақшаи ҳисобҳоро вобаста ба муқаррароти мавқеи баҳисобгирӣ ба се гуруҳ ҷудо намудааст:баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботи махсусгардонидашуда.

Консепсияи нақшаи ҳисобҳо, ки дар ҷадвали 2.2. (саҳ. 75) оварда шудааст, рушди баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботи махсусгардонидашударо дар давлатҳои алоҳида бо инъикоси самти рушд, назарияи балансӣ, муайян намудани хусусиятҳои консептуалӣ, техникаи баҳисобгирӣ, оптимизаисияи ҳадаф ва бартариятҳои онҳоро дар бар гирифтааст.

Дар параграфи дуюм, ки «Таҳлили нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ» муаллиф нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро таҳлил намуда, ҷанбаҳои баҳсталаби онро баррасӣ намудааст. Дар ин параграф муаллиф қайд менамояд, ки дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ иҷро шудани талаботи зерин ҳатмӣ мебошад:

1) амволи корхона мунтазам бо ёрии усули ба инобат гирифтани дороиҳо идора карда шавад;

2) коркарди иттилооти фаврӣ ва табиқи имкониятҳои идоракунии самараноки он дар корхона;

3) низоми баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ бояд ба ҳуҷҷатҳои ниҳоӣ комилан мувофиқ бошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло муаллиф нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро мавриди омӯзиш та таҳлил қарор дода, пешниҳодҳои худро оид ба мукаммалсозии нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ироа намудааст.

Дар параграфи сеюм «Таҳияи низоми ҷадиди ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ» муаллиф асосҳои илми ва амалиро барои зарурияти таҳияи нақшаи нави ҳисобҳо пешниҳод намудааст. Дар расми 2.7. (саҳ. 114) муаллиф алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро тасвир намуда, пешниҳод менамояд, ки ҳангоми таҳияи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ муодилаи «Хароҷот - Истеҳсол - Натиҷа» (дар

мафҳуми муосири «даромад-хароҷот») дар мадди аввал қарор дода шавад. Зеро таҳияи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ бе риояи муодилаи зикршуда натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод. Ба ақидаи муаллиф дар асоси таҳлили ташкили ҷадвали ҳисобҳо маълум гардидааст, ки дар шароити муосир дар фаъолияти истеҳсолии корхона истифодаи усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси истифодаи унсурҳои усули меъёрии баҳисобгирии харочоти истеҳсолӣ ва ҳисобдорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони «Такмили низоми ҳисобҳо дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» (саҳ. 133-170) муаллиф асосан нисбати такмил додани нақшаи ҳисобҳо андешарони намуда, фикру ақидаи худро нисбат ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳо баён намудааст. Чи тавре, ки муаллиф дар параграфи якуми боби мазкур (саҳ. 133-152) қайд менамояд, дар раванди таҳқиқи кори диссертатсионӣ ба мо муяссар гардид, ки чунин низомҳои баҳисобгириро таҳия намоем:

1. Усулҳои анъанавии идоракунӣ – мувофиқатӣ, дастурӣ, такрорӣ, ҳисобгирии фаврӣ.

2. Усулҳои мустақили идоракунӣ - (стандарт - костинг, директ-костинг, усулҳои стратегии пешгӯии арзишҳои аслӣ).

3.Низомҳои функсионалӣ (занҷираи арзишҳо ва усулҳои идоракунии нархҳои стратегӣ).

4.Низомҳои якҷоякардашуда (баҳисобгирии идоракунӣ вобаста ба талаботи корхона).

5. Шабакаи идоракунии иқтидорҳои манбаӣ (соҳибмулкӣ, низоми захиравии корхона, ҳолати молиявӣ, пардохтпазирӣ ва ғайра).

Муаллиф дар параграфи мазкур (ҷадвали 3.7., саҳ 146) воҳидҳои идоракуниро ба объекти идоракунӣ, нақшаи ҳисобҳо, нишондиҳандаҳои арзёбӣ (намунавӣ, самаранокӣ), воҳидҳои муҳандисии муҳосибӣ, идоракунии натиҷаҳо ва қабули қарори идоракунӣ ҷудо намудаас.

Дар параграфи дуюм «Такмили сиёсати баҳисобгирӣ ва таҳияи нақшаи кории ҳисобҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зарурат ва роҳҳои ташкили сиёсати баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии нақшаи кории ҳисобҳоро нишон дода, дар он муаллиф кушиш намудааст, ки пешниҳодҳои худро барои такмилдиҳии сиёсати баҳисобгирии мутобиқ ба талабот ва ташкили нақшаи кории ҳисобҳоро ҳамчун ҷузъи сиёсати баҳисобгирӣ асоснок намояд.

Дар воқеъ сиёсати баҳисобгирии корхона унсури низоми танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро бе ташкили дурусти сиёсати баҳисобгирӣ танзими фаъолияти шуъбаи муҳосибот мушкил ва ҳатто ғайрисамаранок мегардад. Аз ин рӯ бо такя ба гуфтаҳои муаллиф метавон илова намуд, ки ташкили дурусти сиёсати баҳисобгирӣ натанҳо фаъолияти шуъбаи муҳосиботро танзим менамояд,

балки ба пешниҳоди саривақти, дуруст ва боэътимоди ҳисоботи муҳосибӣ-молиявӣ ва идоракунӣ мусоидат менамояд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти № 591) чавобгӯ мебошад. Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 591 аз 28 августи соли 2026 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва 27 мақолаҳои илмии ба нашр расондаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дорои таҷрибаи зиёд дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмиро дар ин самт дорад ва кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2.18- Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси таҳқиқотчӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бояд таъкид карда шавад.

Авторефератн диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида таҳия карда шуда, бо мазмуну муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат менамояд.

Эродҳо:

1. Муаллиф дар диссертатсия дар мавриди такмили нақшаи ҳисобҳо бо мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ таҳқиқот гузаронидааст, вале дар мавриди мавҷуд набудани нақшаи ҳисобҳои амалкунандаи баҳисобгирии идоравӣ ҳарфе нест, Он чизе, ки мавҷуд нест, чӣ тавр такмил меёбад?

2. Дар боби аввали диссертатсия муҳаққиқ оид ба таърихи ташаккули нақшаи ҳисобҳо хеле хуб андешаронӣ намудааст, вале дар бобати афзалият ва камбудиҳои нақшаи ҳисобҳои амалкунанда нисбати нақшаи ҳисобҳои дурақамаи замони шӯравӣ таҳқиқот нопурра ба назар мерасад. Масалан, сабабҳои гузариш аз нақшаи ҳисобҳои дурақама бар панҷрақама возеҳи баён нагардидаанд.

3. Дар боби дуюм, параграфи се таҳқиқоти муаллиф бар пешниҳоди нақшаи ҷадид, яъне нави ҳисобҳо асос ёфтааст, агар муаллиф нақшаи наверо пешниҳод менамояд, пас такмили нақшаи мавҷуда моҳияти худро гум мекунад, аз ин рӯ мебоист муҳаққиқ дар ин маврид мавқеъи устувореро ишғол мекард.

4. Дар боби сеюм, зербоби аввал муаллиф дар заминаи СБҲМ амсиласозии нақшаи ҳисобҳоро пешниҳод намудааст, ки аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳимияти махсусро дорост. Ба андешаи мо, дар ин зербоб муаллиф дар мавриди сатҳи татбиқи СБҲМ дар корхонаҳои кишвар, имконияти истифодаи баъзе стандартҳо ба мисли СБҲМ 9 “Воситаҳои молиявӣ” нуқтаи назари худро бо далелу бурҳон баён мекард, таҳқиқот хеле арзишманд мегардид.

5. Дар замимаи дуюми диссертатсия (саҳ. 205-213) нақшаи ҳисобҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда оварда шудааст. Ба назари мо агар дар диссертатсия ба таври ҷадвал афзалиятҳои нақшаи тавсияшуда бар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда нишон дода мешуд, таҳқиқот комилтар мегашт.

Хулосаи умумӣ

Диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи “Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18. - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 ҷавобгӯ мебошад

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Ҳалимов Парвиз Абдувакилович барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18- Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 74 ва 76-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, №591 қабул гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Кошонова М.Р. омода гардидааст

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ шудааст (протокол № 3/2 аз «21» октябри соли 2026).

Дар ҷаласаи ҳузур доштанд: 18 нафар.

Натичаи овоздиҳӣ: тарафдор - 18 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в дотсент Бобомуродов Б.Э.

Эксперт:
тақризро омода намуд, доктори
илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор Кошонова М.Р.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Олимов Д.А.

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Бобомуродов Б.Э., доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор Кошонова М.Р. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Олимов Д.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроғаи ҳуқуқии муассисаи пешбар
734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14
Телефон: (+992 37) 2211937; 2310843
Факс: (+992 37) 231-02-01 http://tgfeu.tj/ru;
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj

"24" октября 2026с.